**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии № 35
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.01.2026 с., №01

Барои сазовор донистани Одиназода Аслам Мадгиё, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи **“Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя 20 ноябри соли 2025, суратмаҷлиси № 35 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2024, № 173/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Одиназода Аслам Мадгиё 6 январи соли 1975 таваллуд шудааст. Соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст. Дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи аудити Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва аз моҳи августи соли 2025 то ҳол сармутахасис-сармуҳосиби раёсати тандурустии ш. Душанбе шуда фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ҳодиев Дадахон Абудуллоевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Амонова Дилбар Субҳоновна** -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

*2.* **Ҳамидова Сарвиноз Ҳамрабоевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи бонкии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” - ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шаҳри Душанбе).

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса пешбар дар дар ҷаласаи шуъбаи назарияи иқтисод ва таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо протколи №1 аз 13.01.2026с. баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири шуъбаи мазкур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б., эксперт – ходими пешбари илмии шуъбаи мазкур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алимов А.Л. ва котиби ҷаласа - ходими пешбари илмии шуъбаи мазкур, номзади илмҳои иқтисодӣ Ҷонакова Г.А. имзо шуда аз тарафи директори муассисаи мазкур, доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О. санаи 14 январи соли 2026 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқаррааргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст, вазифаҳои дар диссертатсия зикршуда иҷро шудаанд ва муаллифи он, Одиназода Аслам Мадгиё, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки самти фаъолият корӣ ва тадқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо мавзуи кори диссертатсионӣ ҳамоҳангии комил дорад, муассисаи мазкур дар самти тадқиқоти муаммоҳои инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити инноватсионӣ ба дастовардҳои муҳим ноил гардидааст ва қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд, маводҳои дар солҳои охир нашрнамудаи ходимони илмии муасисса ба мавзуи кори диссертатсионӣ мувофиқат менамояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расонидааст. Аз ҷумлаи мақолаҳои дорои аҳамияти баланди илмии муаллифи диссертатсия, инҳоянд:

[1-М]. Концептуальная модель формирования стратегической стоимости человеческого капитала/Одинаев А.М., Маджидова Ф.А.//Азимут научных исследований: экономика и управление. – Тольятти, 2021. - т. 9. № 1(30). - С.256-260.

[2-М]. Международное сотрудничество в сфере образования и науки и проблемы развития национального человеческого капитала//Ходиев Д.А., Одинаев А.М./Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2018. - № 6. Ч.1. – С. 15-24.

[3-М].Сармояи инсонӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодӣ /Одинаев А.М.//Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2022. - 4/2 (34). - С.195-203.

[4-М]. Таҳлили омилҳои сохторӣ, рафторӣ ва ниҳодии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон/Одинаев А.М.//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. - № 4/1(49). – С.197-205.

[5-М]. Одинаев А.М. Рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили ҳамкории мутақобилаи давлат ва низоми маориф/Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. - № 4/3. – С.282-291.

**Ба диссертатсия ва автореферат аз тарафи олимони зерин тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Ризозода Тура Раббим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод: барои тадқиқотҳои минбаъда мувофиқ мешуд, ки масъалаҳои баҳогузории иқтисодии талафоти вобаста ба «фирори мағзҳо», инчунин имкониятҳои ҷалби бозгашти кадрҳои соҳибтахассус ва таъсири онҳо ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ба таври муфассалтар таҳлил карда шаванд.

2. **Садриддинов Манучехр Исломиддинович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи Академияи хурди илмхои Тодикистон дар назди Раёсати АМИТ, бо чунин эрод: дар автореферат имкониятхои бахогузории микдории талафоти иқтисодии вобаста ба «фирори магзхо» ва самаранокии ихтисодии механизмхои бозгардонидани кадрхои сохибтахассус метавонистанд муфассалтар инъикос гарданд.

**3.Ҳамдамзода Хурсанд Акбар** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири

Хусрав, бо чунин эрод: барои тадкикотхои оянда тавсия менамоем, ки масъалаи рушди сармояи инсонӣ бо таваччух ба ташаккули тавонмандихои инноватсионӣ дар шароити ракобати байналмилалӣ барои захирахои зехнӣ, инчунин таъсири мухочирати мехнатии мутахассисони баландихтисос ба суръати гузариш ба иктисодиёти инноватсионӣ мавриди тахлили муфассал карор дода шавад.

4. **Аликулов Алиш**ер **Раимбердиевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, эрод қайд нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- равиши консептуалии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ бо таваҷҷуҳ ба ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ кор карда баромада шудааст, ки нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва эҷоди системаи ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ ифода мекунад;

- модели мафҳумии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ, ки алоқамандии ниҳодҳои мухталифи ташаккули сармояи инсониро дар заминаи таҳаввулоти сифатии як муҳит аз муҳити дигар ва ботадриҷ сифатан рушд намудани сармояи инсонии миллӣ ифода мекунад, пешниҳод шудааст;

- ғояи нави илмӣ дар робита ба принсипҳои асосии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин ироа шудааст;

- самаранокии чорабиниҳои марбут ба тақвияти омилҳои бунёдӣ, рафторӣ ва сохторӣ ҷиҳати ташаккули сармояи инсонӣ дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ собит шудааст, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ нишон медиҳад;

- мафҳумҳои нисбатан таҷдидшудаи истилоҳҳои «сармояи инсонӣ», «муҳити ниҳодии сармояи инсонӣ» ва «арзиши сармояи инсонӣ» пешниҳод шудаанд, ки омилҳо ва шароити такмили механизми рушди сармояи инсонро дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ метавонанд беҳтар инъикос намоянд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- муқаррароти бунёдии омузиш, хусусиятҳо ва мазмуни сармояи инсонӣ асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад онро ҳамчун натиҷаи инкишофи сифатӣ ва миқдории захираҳои меҳнатии кишвар таъриф намуда таъсири омилҳои табиӣ, минтақавӣ (ҷуғрофӣ), таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар раванди ташаккулёбии он бо таваҷҷуҳ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат дар ин раванд баҳогузорӣ карда шавад, ки дараҷаи рушди сармояи инсонии миллӣ ва мувофиқати он ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсиониро муайян менамояд;

***Дар диссертатсия ба таври самаранок*** усулҳои умумиилмӣ дар заминаи риояи принсипҳои равиши системавӣ, дедукция ва индуксия, аналогия, ягонагии таҳлили таърихию мантиқӣ ва оморӣ истифода шудаанд, ки эътимоднокии натоиҷи ба дастомада ва муқаррароти асосии диссертатсияро таъмин мекунад;

- омилњои ташаккули сармояи инсонӣ дар муҳити институтситсионалии рушди системаи тањсилоти олии касбӣ ва танзими равандњои муњољирати мењнатӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти «фирори мағзҳо» дастабандӣ шудаанд, ки сабаб ва натиҷи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти нававаронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд;

- тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани «фирори мағзҳо» ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар шиносоӣ ва таъсири манфии он ба рушди сармояи инсонии миллӣ баҳогузорӣ шудааст;

- сабаҳо ва натиҷаҳои номувофиқатии сиёсати такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ба талаботи замони муосир омӯхта шудаанд, ки имкон дод самтҳои такмили ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корхонаҳои саноатии кишварро дар заминаи беҳтар намудани омодагии кадрҳои дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ пешниҳод карда шаванд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ бо муқаррароти зерин тасдиқ мегардад:**

- самтҳои асосии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон коркард ва пешниҳод гардидаанд (тавассути санадҳои татбиқ тасдиқ шудааст). Натичаҳои тадқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини

низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ метавон истифода бурд. Инчунин, муқаррароти аслии кори диссертатсиониро ҷиҳати омода намудани лексия ва тадриси фанҳои «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисоди меҳнат», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст;

- дурнамо ва соҳаҳои татбиқӣ натоиҷи тадқиқоти анҷомшуда дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин дар корхонаҳои саноатии кишвар муайян карда шуданд;

- модели риёзии таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи ташаккули сармояи инсонӣ собит менамояд, муҳосиба шудааст;

- муҳосибаи арзиши сармояи инсонӣ дар ширкатҳо, ки нақши рушди мутавозини бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти олиро дар раванди арзишафзоии сармояи инсонии ширкатҳо нишон медиҳад, анҷом дода шудааст;

- системаи чорабиниҳои мансуб ба танзими давлатӣ, ки ба истифодаи самараноки сиёсати танзими  муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди «фирори мағзҳо», истифодаи бештар аз самараи синергетикии «гардиши мағзҳо» ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар пешниҳод карда шудааст.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар асоси дастовардҳои муосири назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти меҳнат, менеҷмент, назарияи сармояи инсонӣ коркард шудааст;

- *ғояи* таҳқиқот бо таваҷҷуҳ ба таҳлили назарияи сармояи инсонӣ, тамоюлҳои муосири рушди механизми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, консепсияи идоракунии равандҳои инноватсионӣ, таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ асоснок карда шудааст;

- собит шудааст, ки муқаррароти асосии диссертатсия дар заминаи такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии

иқтисодиёти инноватсионӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон бо натоиҷи тадқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ, сиёсати кадрӣ, танзими бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ зиддият надорад;

- усулҳои таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ, регрессионӣ, моделсозии иқтисодӣ ва риёзӣ барои таҳлил, арзёбӣ, интихоб ва баҳогузории роҳҳои самараноки татбиқи сиёсати идоракунии рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтитсодиёти инноватсионӣ истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ҷиҳати такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷменти инноватсионӣ» ва «Идоракунии кормандон» ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2019-2025 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 31 январи соли 2026 қарори сазовор донистан  Одиназода Аслам Мадгиё бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор  15 нафар, муқобил, бюллетени беэътибор  - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в. профессор — Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Машокиров Ҷ.Н.

Санаи барасмиятдароии хулоса 31.01.2026